# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тархрезии либос», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000-Таълими касбӣ (6D012001.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавзӯи интихобнамудаи Ӯзбекова М.А. - «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тархрезии либос» ба таҳқиқи муҳимтарини самтҳои педагогӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳими илмӣ мебошад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар айни замон ҷамъият дар ҳамаи давру замон ба одамони фаъолу боистеъдод талабот дошта, бинобар ин чидду ҷаҳди доимӣ ба фаҳмидани табиати эҷодиёт, ошкор сохтани қонуниятҳои он, саъю кӯшиши ба вуҷуд овардани назарияи мавзуне, ки раванди мураккаби фаъолияти эҷодии инсонро кушода медиҳад, табиӣ ва мантиқӣ аст. Дар иртибот бо ин нукта зарурати такмили мундариҷа, шаклу методҳои раванди омодасозии касбии мутахассисони Донишгоҳи Олӣ қайд карда мешавад. Алҳол тағйироти мазкур дар самти фаъолгардонии захираҳои дохилии раванди таҳсил ва ошкор сохтани қобилияти эҷодии донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ идома доранд. Омӯзгор натанҳо бояд ба донишҷӯён дарс диҳад, балки дар онҳо қобилият ва талаботро ба қобилияти эҷодӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ бедор намояд. Ҳамчунин ба назар гирифтан лозим аст, ки ташаккули самарабахши қобилияти эҷодии донишҷӯён танҳо дар он маврид ба амал меояд, ки агар омӯзгор худаш аз чунин қобилиятҳо бархурдор бошад ва донишҷӯёнро ба раванди эҷодӣ ворид сохта тавонад.

Ба фикри муаллиф, самарабахшии омодасозии дизайнерҳои оянда пурра аз ташаккули қобилияти эҷодкорона дигаргун сохтани воқеияти атроф, мустақилият дар ҳалли вазифаҳои амалӣ, тайёр будан ба

худтакмилдиҳӣ ва худомӯзӣ тибқи имкониятҳои объективию субъективӣ вобаста аст. Бинобар ин дар марҳилаи муосир вазифаи асосии таҳсилию тарбиявӣ муҳайё кардани шароит барои ташаккули фаъолонаи иқтидори эҷодии шахсият ва амалигардонии он дар раванди фаъолияти таълимӣ ва касбӣ ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии дизайнерони ояндаро чун шарти муҳимтарини омодасозии касбии мутахассис баррасӣ намуда, мо чунин мешуморем, ки тақвияти самтгирии шахсиятӣ, инфиродгароӣ ва мустақилияти фаъолияти таълимии онҳо онро, яъне омодагии касбиро нисбатан самарабахштар мекунад ва барои ташаккули қобилияти эҷодӣ пойгоҳ ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, масъалаи ошкор сохтани шароитҳои оптималии педагогӣ, ки барои баланд бардоштани иқтидори эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ зарур аст, мубрамият пайдо мекунад.

Ӯзбекова М.А. ҳангоми мавриди таҳлил қарор додани сарчашмаҳои илмӣ, адабиёт ва рисолаҳои дифоъшуда ба чунин хулоса омадааст, ки дар мамлакати мо то ҳол таҳқиқоти алоҳидае оид ба муаммои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос гузаронида нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавзӯи таҳқиқгардида яке аз масъалаҳои зарурӣ дар илм ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ баҳри ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос соҳиб мешавад, ки барои ғанӣ гардонидани назария ва ҳам амалияи илмӣ мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия он нуктаҳои илмие, ки пешниҳод шудааст дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, чунин инъикос ёфтааст: зарурат ва имконпазир будани ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни «Тарҳрезии либос» асоснок гардид, ки

ҷанбаҳоро зеринро фаро мегирад: қобилияти дарки образи бадеӣ, тафаккури фазогӣ ва образнок, хотираи биноӣ, тахайюли эҷодӣ, осонӣ ва вусъати монандкунӣ (ассотсиатсия), муносибати эмотсионалӣ ба фаъолият, сифатҳои сенсомоторӣ, коршоямӣ, мустақилият ва нигоҳи танқидӣ; шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими тарҳрезии либос ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардиданд, аз он ҷумла: мундариҷаи вариативии маводи таълим; шакли инфиродии ташкили фаъолияти таълимӣ; кори донишҷӯй аз рӯйи барномаи шахсии таълим; имконияти интихоби мустақилонаи амсила барои тартиб додани тарҳи маҳсулот; сатҳҳои зоҳир гардидани эҷодкорӣ ва мустақилият дар фаъолияти таълимии донишҷӯён дар устохонаи маҳсулоти дӯзандагӣ зимни тайёркунии маҳсулоти аз ҷониби онҳо интихобшуда муайян гардиданд.

Барои соҳиб шудан ба ҳадафи ниҳоии таҳқиқот Ӯзбекова М.А. марҳилаҳои зарурии таҳқиқотро омӯхта, мундариҷаи сохтори диссертатсия инъикос гардидааст. Натиҷаи асосии таҳқиқот дар зиёда аз 29 корҳои илмӣ вобаста ба муаммои таҳқиқшуда инъикос ёфтааст.

Яке аз ҷиҳати хуб дар таҳқиқот дар он мебошад, ки аз тарафи Ӯзбекова М.А. се маҷмӯи маводи таълимӣ-методӣ таҳти унвони "Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос", "Тарҳрезии либос" ва "Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос" барои ташаккули қобилияти эҷодии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ коркард ва ҳам муқаррар карда шудааст. Боиси тазаккур аст, ки дар диссертатсия ба таври мушаххас таҳлили микдорӣ ва ҳам сифатии натиҷаи таҳқиқот дар шакли ҷадвал ва диаграмма оварда шудааст.

Диссертатсия бо талаботи банди 44-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 ба тасдиқ расидааст, комилан

мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Аз тарафи Ӯзбекова М.А. таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳ ва савияи зарурӣ таълиф гардида, мустақилияти муаллиф эҳсос карда мешавад. Натиҷаи ниҳоӣ ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешкашгардида саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Аз тарафи докторант автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегирад. Ба он натиҷаҳои илмӣ, ки муаллиф соҳиб шудааст, мутобиқ ба ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ (6D012001.02 Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Боиси зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии Ӯзбекова М.А. ҳолати бидуни иқтибос истифода шудани мавод мушоҳида карда намешавад. Маъҳази ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда нишон дода шудааст. Ӯзбекова М.А. дар тартиб додани дастгоҳи илмии диссертатсия талаботи банди 16-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (доктори фалсафа (PhD))-ро риоя намудааст.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба назари эътибор гирифта, комиссияи ташхисӣ пешниҳод менамояд:

1.Диссертатсияи Ӯзбекова М.А. дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D012000- Таълими касбӣ (6D012001.02 Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1) Нугмонов Мансур - Узви шӯро, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ".

2) Раҳимова Ҳамро Олимовна - номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи дизайн ва меъмории ДПДТТ дар шаҳри Хуҷанд ба номи М.Осимӣ.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Данғара тавсия карда мешавад;

4) Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5) Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Шаропов Ш.А.

**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Олов С.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Камолова М.Ф.